**Шарҳи мухтасари**
**натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон оид ба муайянкунии речаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ (сомонӣ)**
**(аз 22 то 26-уми август ва аз 14 то 18-уми сентябри соли 2015)**

Дар асоси Дастури Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва Фармоишҳои №1 аз 11 сентябри соли 2015 аз ҷониби Пажкҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон аз 22 то 26-уми август ва аз 14 то 18-уми сентябр соли равон назарсанҷии шаҳрвандон оид ба муайянкунии речаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллӣ (сомонӣ) бо воситаи “Сомонаи–Интернети”-и (www.nbt.tj) БМТ инчунин дар байни ташкилотҳои қарзӣ, мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ва миёни соҳибкорон дар бозорҳои ш.Душанбе гузаронида шуд.

Дар назарсанҷии мазкур 417 нафар ташкилотҳои қарзӣ, мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ва шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорон дар бозорҳои ш. Душанбе иштирок намуданд, ки натиҷаи он чунин баҳогузорӣ карда мешавад.

**Ба** саволи муайянкунии шаклҳои речаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ, респондентҳо чунин ҷавоб доданд: речаи озод шинокунанда 113 нафар (27,1 фоиз), речаи шинокунандаи танзимшаванда 198 нафар (47,5 фоиз), речаи муқаррарнамоии ҳудудҳои асъорӣ 42 нафар (10,1 фоиз) ва речаи қурби муқаррароршудаи асъор 64 нафар (15,3 фоиз). *(ниг. диаграммаи 1.).*

***Диаграммаи 1. Ҷонибдории респондентҳо ҷиҳати муайянкунии речаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ, (бо фоиз)***



**А**гар ба таркиби ин маълумотҳо назар афканем баръало дида мешавад, ки ҳиссаи зиёда аз 47,5 фоиз ё 198 нафари респондентҳо реҷаи шинокунандаи танзишавандаро дастгирӣ менамоянд. Қобили қайд аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи қурби шинокунандаи танзимшаванда амал менамояд ва аз ин хотир реҷаи амалкунандаро қисми зиёди респондентон дастгирӣ намудаанд.

**Т**еъдоди 101 нафар (24,2 фоиз)-и респондентҳо реҷаи мазкурро дуруст мешуморан, 138 нафар (33,1 фоиз) реҷаи мазкурро қаноатманд меҳисобанд, 47 нафар (11,3 фоиз) ин реҷаро нодуруст мешуморанд, 51 нафар (12,2 фоиз) ин реҷаро хуб ҳисобида 80 нафари дигар (19,2 фоиз) ин реҷаро бад меҳисобанд. *(ниг. диаграммаи 2.).*

***Диаграммаи 2. Ақидаи респондентҳо нисбати реҷаи амалкунандаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии сомонӣ (бо фоиз)***




**Н**исбати саволи девалватсия кардани пули миллӣ (сомонӣ) респондентон чунин ҷавоб доданд:

**Т**еъдоди 168 нафар (40,3 фоиз)-и респондентҳо девалватсия кардани пули миллиро дастгирӣ карданд ва баръакс 249 нафар (59,7 фоиз)-и дигар девалватсия кардани пули миллиро зарур нашумориданд.

***Диаграммаи 3. Ақидаи респондентҳо нисбати девалватсия кардани пули миллӣ (бо фоиз)***




Бояд қайд кард, ки нисбати саволи якхела кардани қурби расмии муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон бо қурби бозорӣ респондентон чунин иброз доштанд:

**Т**еъдоди 306 нафар (73,4 фоиз)-и респондентҳо тарафдори якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ ва 111 нафар (26,6 фоиз)-и дигар нисбати якхела кардани қурбҳо зид мебошанд.

***Диаграммаи 4. Ақидаи респондентҳо нисбати якхела кардани қурби расмии асъори хориҷӣ ба қурби бозорӣ (бо фоиз)***




Доир ба масъалаи муайянкунии речаи қурби асъори хориҷӣ нисбати пули миллии (сомонӣ) ва якхела кардани қурби расмӣ бо қурби бозорӣ посухҳои респондентон ва ҷадвали таҳлилӣ дар замима оварда мешавад.

Замима: дар__в.

*Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон*